Мирзо Алиакбар Собир

# Хўп-хўпнома





Мирзо Алиакбар Тоҳирзода

# Собир

# Ҳуп-ҳупнома

## Мунтахаби шеърҳои ҳаҷвӣ

Нашриёти Давлатии
Тоҷикистон
Душанбе — 1962

С
с. 67

Мунтахаби шеърҳои шоири машҳури реалист ва ҳаҷвнависи Озарбойҷон Мирзо Али акбар Собир (1862—1911) ба муносибати садсолагии рӯзи таваллуди вай чоп мешавад. Шоир дар шеърҳои тезу тунди худ намояндагони ҷамъияти кӯҳнаро ба гап даровардa, онҳоро бо сухани худашон фош мекунад. Ӯ дар асарҳои худ одамони меҳнатии замони худро тасвир карда, онҳоро ба мубориза ба озодӣ ва хушбахтӣ даъват менамояд.

Тарҷимакунандаи шеърҳо аз озарбойҷонӣ
ШАФОИ АҲМАД

Муҳаррир
РАҲИМ ҲОШИМ

# СОБИР

(1862—1911)

Мирзо Алиакбар Тоҳирзода Собир яке аз намояндагони барҷастаи адабиёти аввали асри XX Озарбойҷон аст. Собир аз ҷумлаи нависандагонест, ки дар шароити асорати ҳукумати подшоҳии рус ва давлатмандону мулкдорони маҳаллӣ дар нодорию нодонии даҳшатангезе зиндагонӣ кардани ҳамватанонашро дида, барои ба роҳи илму дониш ҷалб намудани онҳо, барои кушодани фикри оммаи мардум, барои ба онҳо талқин намудани ғояҳои озодӣ, барои ба онҳо фаҳмонидани беадолатиҳои иҷтимоӣ ба мубориза бархостааст.

Дар аввалҳои соли 1906 дар шаҳри Тифлис ба забони озарбойҷонӣ журнали ҳаҷвии «Мулло Насриддин» ба нашр шудан оғоз намуд. Ин журнал, ки дар тамоми Россияи подшоҳӣ аввалин журнали ҳаҷвӣ ба забонҳои шаркӣ мебошад, бо мақолаҳои гиро ва тунду тези худ дар мавзӯъҳои гуногуни иҷтимоӣ-сиёсӣ, бо услуби соддаву ширин ва расмҳои рангини хеле таъсирбахши аз ҳаёти воқеии онрӯза гирифташудаи худ дар андак вақт табақаҳои гуногуни хонандагонро ба худ ҷалб намуда, дар тамоми Шарқи Наздик яке аз маҳбубтарин ва сертиражтарин журналҳо гардид. Хизмати ин журнали ҳаҷвӣ дар сар шудани бедории фикрӣ дар Осиёи Миёна ва дар байни зиёиёни тоҷик низ хеле калон мебошад. Дар

атрофи мудир ва сармуҳаррири инқилобчӣ ва халқпарвари ин журнал Ҷалил Мамадқулизода шоир ва нависандагони пешқадами он давраи Озарбойҷон ҷамъ омада буданд, ки Мирзо Алиакбар Собир низ аз ҷумлаи онҳост.

Собир — ин ҳаҷвнависи навовари инқилобӣ бо шеърҳои равону ширин ва ҳаётию ҳаққонии худ дар забони соддаи халқӣ дили хонандагонашро мафтуни қалами сеҳрангези худ гардонид ва дар тамоми Шарқи Наздик шӯҳрати бузурге пайдо карда дар навиштани ҳаҷви иҷтимоӣ сардафтари як услуби нав гардид.

Мирзо Алиакбар Собир 30 моҳи маи соли 1862 дар шаҳри қадимаи Озарбойҷон Шамохӣ (Шервон) таваллуд ёфта, дар назди шоири бузург ва маорифпарвари замони худ Саид Азими Шервонӣ дарс хонда, бо таълим ва таъсири устоди худ бо адабиёти ватанаш, бо адабиёти классикии Шарқ, хусусан бо осори ҷовидони Фирдавсӣ, Хоқонӣ, Низомӣ, Саъдӣ ва Ҳофиз шиносоӣ пайдо карда, ҳанӯз аз хурдсолӣ ба шеъргӯӣ машғул шудааст.

Собир дар овони ҷавониаш дар шаҳрҳои гуногуни Кавказ, дар Эрон, Ироқ ва Осиёи Миёна саёҳатҳо карда бо аҳволи хеле таассуфангези мардумони ин мамлакатҳо аз наздик шиносо мешавад.

Собир асосан баъд аз революцияи соли 1905 роҳи ҳақиқии инкишофи эҷодии худро меёбад. Шоири халқпарвар аз ҷӯшу хурӯши бузурге, ки ба шарофати ин революция дар табақаҳои пешқадами ватани худ пайдо шуда буд, дар канор намонда ба ин ҳаракат ҳамроҳ шуда яке аз сароянддагони пурҳарорати он гардид. Ӯ ҳамчун шоири реалист оинаи афкори оммаи халқи мамлакати худ шуд, ҳамчун фошкунандаи бераҳми синфҳои истисморгар, ҳукумати истибдодии подшоҳии рус ва ҳукмдорони худсари шарқ ба майдон баромад, дар мубориза бо фақирӣ, ҷаҳолат ва беҳуқуқӣ ҳамдам ва раҳнамои оммаи халқҳои мазлуми шарқ гардид.



Мероси хеле пурарзиши адабие, ки аз Собир боқӣ монда ва имрӯз боиси ифтихори сазовори адабиёти советии Озарбойҷон гардидааст, асосан маҳсули эҷодиёти солҳои 1906—1911, яъне маҳсули эҷодиёти хеле пурҷӯшу хурӯш ва самараноки фақат панҷсолаи шоири бузург мебошад.

Собир образи як қатор қаҳрамонони манфии замони худро офарида онҳоро ба гап даровварда, бо қавл ва гуфтори худашон фош намуда, ҳамаро дар маҳкамаи ақлу идроки оммаи халқ маҳкум ба марг мегардонад. Собир дар асарҳои худ одамони меҳнатии замонашро («Ба коргарони Боку», «Кашоварз» ва ғайра) тасвир карда, онҳоро ба мубориза барои озодӣ ва хушбахтӣ даъват мекунад. Ӯ дар шеърҳои худ илмро ба ҷаҳолат, меҳнатро ба муфтхӯрӣ, озодиро ба асорат, деҳқони ранҷбарро ба арбоби беинсоф, коргарро ба корфармо ва маҳкумро ба ҳоким муқобил гузошта ба воситаи ин зиддиятҳо пӯсидагӣ ва ба марг маҳкум будани ҳаёти кӯҳна ва тартиботи онро аён нишон медиҳад.

Фаъолияти пурҷӯшу хурӯши адабии Собир ба давраe рост омад, ки бо таъсири революцияи соли 1905 дар Эрон ва Туркия низ оммаҳои халқ ба муқобили худкомӣ ва ҳукмронии худсаронаи подшоҳони мустабидди худ ва бар зидди ҳокимияти номаҳдуди империалистон қиём карда буданд. Собир бо шеърҳои оташбори худ ба ин ҳаракатҳои озодихоҳонаи халқҳои Эрон ва Туркия ёрдами маънавии бузурге расондааст.

Шеърҳои Собир оинаест, ки мо дар он вазъияти онрӯзаи мамлакатҳои Шарқ, намояндагони табақаҳои гуногуни онрӯзаи на танҳо Озарбойҷон, балки тамоми Эрон, Туркия ва Осиёи Миёнаро мебинем. Бинобар ин шеърҳои вай дар байни зиёиёни тоҷик низ шӯҳрати калон дошта, писанд ва мақбули хонандагони онрӯзаи мо будааст. Эҷодиёти Собир, услуби вай дар ҳаҷви иҷтимоӣ ба ҳаҷвнависони мо низ бетаъсир набудааст.

Собир аксари шеърҳои ҳаҷвии худро дар журнали «Мулло Насриддин» бо имзои пинҳонии «Ҳӯп-ҳӯп» чоп мекард. Баъд аз вафоти шоир дӯсти наздикаш, яке аз шоирони машҳури Озарбойҷон — Аббос Сиҳҳат ашъори ӯро ҷамъ ва бо номи «Ҳӯп-ҳӯпнома» нашр кунонидааст, ки осори Собир бо ин ном дар тамоми Шарқи Наздик машҳур мебошад.

Умедворем, ки ин маҷмӯаи хурди мунтахаби ашъори Собир хонандагони имрӯзаи моро бо мавзӯъҳои асосӣ ва бо услуби эҷодии шоири инқилобии бузурги Шарқ то як дараҷа шиносо карда метавонад. Шеърҳои Собирро аз озарбойҷонӣ рафиқ Аҳмад Муҳаммадҳусейнзода Шафоӣ ба форсӣ тарҷума карда ва мо онҳоро бо андак тағьир дар услуб ва иборахо интихобан нашр мекунем. Тарҷумон ба нигоҳ доштани вазн, услуб ва оҳанги шеърҳои Собир кӯшида ва ба ин муваффақ гардидааст.

Собир ба шеърҳои ҳаҷвии худ баъзан «Оғлар гулаган» — «Мутабассими гирьён» имзо мемонд, ки ин ном ба сӯзу гудози дили вай хеле муносиб мебошад. Вале табассуме, ки мо дар лабони шоири ҳассос мебинем, як табассуми пуризтиробест. Ӯ дили пурҳасрат ва хуншоре дорад ва ин хандаҳо аз дили оташини пурхуни вай сарзада лабонашро месӯзонанд. Шоир ба ҳоли онрӯза ва ба вазъияти воқеии онрӯзаи ватани худ ва умуман Шарқи мазлум месӯзад. Вале вай аз оянда ноумед нест. Вай ба истиқболи дурахшон дилпурии комил дорад, ояндаеро мебинад, ки бо машъали озодӣ ва ҳақиқат мунаввар гардидааст ва худаш низ дар он ҷо дорад.

Адабиёти ҳамаи миллатҳои Иттифоқи Советӣ садсолагии рӯзи таваллуди ин шоири халқпарвари инқилобии Шарқро дар шароите ҷашн гирифт, ки он орзӯҳои неке, ки шоир бо сӯзу гудоз дар дил парварида дар асарҳояш месуруд, ба амал омадаанд.

*Р. Ҳошим.*



## Ба ман чӣ!

Ҳар навъ, ки миллат шуда тороҷ, ба ман чӣ?
Ё ин ки ба душман шуда муҳтоҷ, ба ман чӣ?
Ман сераму бо ҳеҷ касе кор надорам,
Дуньёи гурусна бидиҳад боҷ, ба ман чӣ?

Бигзор бихобанд, назан ҷеғу накаш дод,
Бедории инҳо накунад хотири ман шод.
Як-як шуда бедор агар, вой, худо, дод!
Ман солиму шодам, ҳамаи даҳр фано бод!
Ҳар навъ, ки миллат шуда тороҷ, ба ман чӣ?
Ё ин ки ба душман шуда муҳтоҷ, ба ман чӣ?

Такрор макун сӯҳбати таърихи ҷаҳонро,
Барбанд, фалонӣ, ту зи бигзашта забонро,
Ҳоло ту биёвар, бихӯрам, дӯлмаву нонро,
З-оянда мазан дам, ту ғанимат шумар инро[1].
Ҳар навъ, ки миллат шуда тороҷ, ба ман чӣ?
Ё ин ки ба душман шуда муҳтоҷ, ба ман чӣ?

Авлоди ватан боз ҳам овора бигардад,
Олуда ба пастию ба бадбахтии беҳад,

[1] Яъне ин замонро.

Соил[1] шавад он бевазан, аз пой дарояд,
Лекин фақат овозаву шонам бифазояд.
Ҳар навъ, ки миллат шуда тороҷ, ба ман чӣ?
Ё ин ки ба душман шуда мӯҳтоҷ, ба ман чӣ?

Ҳар халқ тараққӣ кунад имрӯз ба дуньё,
Осори тараққист ба ҳар маскану маъво,
Дар бистар агар ёди тараққӣ бинамоем,
Бинем тараққиро дар олами рӯъё.
Ҳар навъ, ки миллат шуда тороҷ, ба ман чӣ?
Ё ин ки ба душман шуда мӯҳтоҷ, ба ман чӣ?

[1] *Соил* — гадой.



* * *

Рӯзе ки иноят кунад эзид ба ту авлод,
Гардад дили ту шод!
Ҷингир[1] хабар кун, ки расонад ба вай имдод,
Бандад раҳи ҳамзод.
Ин қадр биёвез бар ӯ дофеъи офот,
То ҷин бишавад мот.
Ӯро ба замин нагзор, барбанд тилисмот,
Бар ӯ ҳама авқот.
Гар тифли ту сармо хӯраду гардад бемор,
Ҷингир кун эҳзор.
Ҳаргиз ту ҷигаргӯша набар доктур, зинҳор,
Покаш ту нигаҳдор.
Гар гирья кунад, чора маҷӯ, деҳ ту муқаррар,
Дашном ба модар.
То он ки битарсонадаш аз ҷинну қаландар,
Сокит шавад охар.[2]
Албатта биёмуз ба он тифлаки маъсум,
Як силсила мавҳум,
Бигзор фаро гирад ҳар одати мазмум,
Он баччаи мазлум.
Чун кард забон боз, ба тадриҷ бар ӯ хон,
Ҳар ёваву ҳазьён.

[1] *Ҷингир* — фолбин.
[2] *Охар* — охир.

Сад лафзи қабеҳаш ту биёмӯз ба ҳар он,
То ёбад унвон.
Даҳсола ки шуд ёд бидеҳ як-ду-се бидъат,
Манмой ту ғафлат.
То понздаҳ ояд бикунад касби маҳорат,
Бахраш шавад одат,
Мактаб нафиристаш, ту макун каллаи ӯ манг[1],
Манмош ту дилтанг.
Рӯзӣ бикунад касб ба ҳар ҳилаву найранг,
Кораш нашавад ланг.
Лозим набувад зиндагии роҳат, бигзор
То гардад таррор.
То пеша қимораш шаваду ғорату куштор,
Баҳ-баҳ-баҳ аз ин кор.
Ғорат бикунад гар ҳама ҷо, бош ту хурсанд,
Нозам ба ту фарзанд!
Дар хонаи ту ёфт шавад чой, палав, қанд,
Бемислию монанд.
Гар ҳабс шавад ногаҳу гардӣ ту мукаддар,
Деҳ ришва ба довар.[2]
Хастӣ ба вакилон[3] бидеҳу соҳиби дафтар,
Шав муфлису музтар!
Дармондаву дар ҳасрати дидори ҷамоле,
Бо кисаи холӣ.
Маҳрум зи фарзандию мӯҳтоҷи саволӣ,
Бо варзу вуболӣ.
Бе ризқи ҳалоле,
Бадбахт, бикун ҷамъ,
Ҳар меваи коле.[4]
Хондан ба ту надҳад
ин рутбаи олӣ...

[1] *Манг* — ба маънои гаранг.
[2] *Довар* — судья.
[3] *Вакил* — юрист, адвокат.
[4] *Кол* — хом.



## Ғам махӯр!

Моҳи канъонат бирафт, эй пири Канъон, ғам махӯр!
Ё гулистони ту гашта байти эҳзон[1], ғам махӯр!
Эй дили меҳнатзада, хуш бошу лабрези сурур!
Қасби номардӣ кунад афкору виҷдон, ғам махӯр!

Бар муроди мо нагардад гар, ки чархи каҷмадор,
Будаву бошад чунин аҳволи даврон пойдор,
Қисмати ту рӯзу шаб гардид нола, оҳу зор,
Эй раъият, коргар, эй марди деҳқон, ғам махӯр!

Субҳи зуд аз хоб хезу то ба шаб заҳмат бикаш,
Аз қавидастон ҳазорон фаҳш хӯр, миннат бикаш,
Гар қавӣ лаззат барад, ҳаққаст, ту заҳмат бикаш,
Гар туро бадбахт созад хону аъён, ғам махӯр!

Кор кун то хам шавад пуштат, ҷабинат тар шавад,
Мон гурусна, мон аёлат мисли гову хар шавад,
Бар забонат мон, фиғону нола низ азбар шавад,
Рӯзият ғорат кунад мулло, беку хон, ғам махӯр!

[1] *Байти эҳзон* — ғамхона.

Бенаво, то умр дорӣ, нола кун, оҳу фиғон,
Ошкоро кай шавад бар ту чунин сирри ниҳон,
Мулло Насриддин[1] «Лисонул ғайбро»[2] шуд тарҷимон,
Руҳи поки Ҳофизаш бодо санохон, ғам махӯр!

[1] *«Мулло Насриддин»* — журнали ҳаҷвии машҳур, ки Собир шеърҳояшро дар он чоп мекунонад.
[2] *Лисонул-ғайб* — лақаби Ҳофизи Шерозӣ.

* * *

Ин бачча зи таҳсил чӣ дидаст? Надонам.
Шуд каллаи ман манг.
Аз хондани рӯзномаву журнал шуда тифлам
Афсурдаву дилтанг.
Хондаст зи бас рӯзу шаб, ақлаш шуда зоил,
Фарсуда шуда тан,
Бояд ба дуо даст зад, аз ҳарф чӣ ҳосил,
Фикре бикун, эй зан!
Лаънат ба ту, ифрита, туӣ боиси ин ҷаҳл,
Эй хоини бадзот!
Бидъат зи ту дар хонаи мо омада, ноаҳл,
Эй мояи офот!
Қӯрат бикунад нони ман, ояд нафасат банд,
Эй ҳамсари бадхоҳ!
Модар нашавад боиси бадбахтии фарзанд,
Маргат диҳад оллоҳ!
Кардӣ зи бас иғво ту маро, тифл ба таҳсил
Бинмудам водор,
Акнун бинамо чораи ин кор ба таъҷил,
Бас танг шуд ин кор.
Таъсир надоранд ба вай ҳеҷ далоил,
Ақлаш шуда зоил.

Бар мактабу таҳсилу ба рўзнома, маҷа.
Бин, чун шуда моил!
Кардӣ ту маро хонахароб, ўро зоеъ,
Расвой ба ҳар ҷо,
Ман ҳеҷ нафаҳмам чӣ бувад илму саноеъ,
Безорам аз инҳо.
Мехостам ў ҳам бишавад соҳиби ҳурмат,
Чун ман хушу озод.
Бошад ҳама ҷо муқтадиру молики шўҳрат,
Хуштолеу дилшод.
Вақт аст, ки акнун бишавад Рустами даврон,
Номаш бибарояд.
Ғорат бикунад ҷумлаву ёбад сару сомон,
Ақлаш ба сар ояд.
Бечора намудӣ, занак, ин сода ҷавонро,
Нодон писарам, вой!
Ҳаргиз ба табассум накушодаст лабонро,
Беҷон писарам, вой!
Дорӣ ҳаваси дарс ба сар, нохалаф авлод,
Эй кош, кунӣ шарм!
Майли ту ба дуздӣ на, ба илм аст, дусад дод!
Қадре бинамо шарм!
Эй нури ду дида, ту зи таҳсил ҳазар кун!
Шоистаписар бош!
Омўз саворию ҳунар, фикр бадар кун,
Ҳар кор балад бош!
Мурдӣ, писарам, кўшишу таҳсили ту кофист,
З-ин кор бикаш даст!
Бар гарданат ин дарс, бидон, ҳамчу танобест,
З-ашъор бикаш даст!
Гар олимию аҳли сухан, ҳурмати ту кў,
Имрўз ба дуньё?
Гар гавҳари баҳри адабӣ, қимати ту кў
Имрўз ба дуньё?



Одам нашавӣ, хуб ки бинам, писари ман,
Ҷонат ба ҷаҳаннам!
Н-ояд ба кафат пул, писар, з-ин ҳама хондан,
Аз вирди дамодам,
Кун илм фароҳам,
Бо дард шав ҳамдам,
Умрат бишавад кам,
Душман ба ту олам...

## Шикоят аз пирӣ

Афсӯс ки акнун шудаам пиру замингир,
Сад ҳайф, ҷавонӣ!
Оҷиз шудаму нест дигар чораву тадбир,
Дидам чӣ зиёне?
Ояд чу ҷавонию хушиҳош ба ёдам,
Аз ғусса шавам мот.
Оё бирасам бори дигар ман ба муродам,
Ҳайҳот ва ҳайҳот!...
Хуш буд замоне ки «Урук»[1] соззану ман
Гаштем ба дилхоҳ,
Мекӯфтам аз оҷизу бечора сару тан,
Бо мушту лагад, оҳ!
Масруф дар ин роҳ шуда саъю талошам,
Сарват ба кафам буд.
Бо раҳзанию зӯр буд имрори маошам,
Давлат ба кафам буд.
Аъзо ҳама сустӣ бигирифтаст зи пирӣ,
Як додрасам нест,
Афтода ба пастӣ шудаам хор зи пирӣ,
Фарьёдрасам нест.
Дар даҳр касам нест,
Ҳоли нафасам нест,
Ҷуз фикри ҷавонӣ
Дигар ҳавасам нест.

[1] *«Урук»* — яке аз созандагони машҳури шоир.



## Ба коргарони Боку

Баръакс шуда кори ҷаҳон, гардиши олам,
Ҳоло шуда ҳар коргаре дохили одам!

Яъне чӣ, ба ҳар кор даҳолат бикунад ӯ?
Ё паҳлуи арбоб ҷасорат бикунад ӯ?
Бар як нафаси роҳат ҷуръат бикунад ӯ?
Бил-хоса сари музд адоват бикунад ӯ?
Баръакс шуда кори ҷаҳон, гардиши олам,
Ҳоло шуда ҳар коргаре дохили одам!

Ҳурмат зи чӣ хоҳӣ, ту бигӯ, коргари зор?
Охир зи чӣ рӯ ҳаст туро қудрати гуфтор?
Кун хизмати дорову бикаш даст аз ин кор,
Доданд каму беш ба ту, шукр ба ҷо ор!
Баръакс шуда кори ҷаҳон, гардиши олам,
Ҳоло шуда ҳар коргаре дохили одам!

Доро ба балоҳо мафикан хешу бипарҳез!
Нашнав сухани коргар, ҳақ бошад агар низ!
Магзор, ки то дам бизанад муфлису бечиз,
Ё шаъни ту зоеъ бикунад бекасу ночиз!
Баръакс шуда кори ҷаҳон, гардиши олам,
Ҳоло шуда ҳар коргаре дохили одам!

Харгиз фуқароро набувад ақлу закое,
Чун несташон мисли ту нонею навое,
На сарвату на давлату на шолу абое,[1]
Як чомаи садпораву як кӯхнақабое.
Баръакс шуда кори чахон, гардиши олам,
Ҳоло шуда хар коргаре дохили одам!

Хохӣ агар осуда кунӣ зист ба дуньё,
Хохӣ нашавӣ хеч ту олуда ба ғамхо,
Мангар ту бар он коргари бесафу бепо,
Дар фикри худат бош, фақат яккаву танхо!
Баръакс шуда кори чахон, гардиши олам,
Ҳоло шуда хар коргаре дохили одам!

Бин миллату дардаш, макун андешаи имдод,
Бигзор кунад гирья ятиму бикашад дод,
Зинҳор зи хубию зи некӣ манамо ёд,
Харгиз фуқароро нанамо ёду макун шод!
Баръакс шуда кори чахон, гардиши олам,
Ҳоло шуда хар коргаре дохили одам!

[1] *Або* — чомаи васеу дарози остин кӯтох, ки рӯхониён аз болои либос ба дӯш меандозанд.



## Дар пеши назар чилва бикун пок

Кун саъй ки дар пеши назар чилва кунӣ пок,
Бифреб касонро,
Гар оташӣ дар табъ, ба зохир ту бишав хок,
Сӯзон ту чахонро.
Кун чалби назархо хама бо шолу қабое,
Мачлуби уюн бош![1]
Бо хар калаку[2] хила ки шуд пӯш абое,
Динро ту сутун бош.
Бигзор сечорьяк бишавад ришу кулахро
Бо риш бикун чӯр,
Бояд ки бувад фӯта, камар дах газу илло
Гардад хама ночӯр.
Пайваста ту саргарм ба тасбеху дуо бош,
Хар субх ва хар шом.
Савлат бикун андар хама чо, чун нучабо бош,
Сӯхбат бикун ором.
Холо ту саропо шудаӣ мазхабу имон,
Бас мӯхтарамӣ ту,
Андар назари халқ туй поку мусулмон,
Ахли карамӣ ту.

[1] *Мачлуби уюн* — чалбкунандаи назархо.
[2] *Калак* — найранг.

Акнун ҳамаи зиндагиат амну амон шуд,
Зӯҳди ту саросар,
Бар орзуи хеш расидию ҳамон шуд,
Мақсуд муяссар.
Вақт аст ҳам акнун ки бидуздӣ ҳама олам,
Даррафт, нигаҳ дор!
Ҳукм аз ту бувад, соз ҳама чиз фароҳам,
Рав пул ба даст ор!
Бар бева бикун зулму ба айтом[1] хиёнат,
Қам фикри аҷал бош!
Худ макр бикун, хонда ба шайтон ҳама лаънат,
Шодон зи амал бош!
Саргарми хиял бош,
Ҳам дузду дағал бош,
Имон бидеҳ, аммо,
Сарват ба бағал бош!

[1] *Айтом — ятимон.*



## Насиҳати пиразани ҷодугар ба духтарҳо

Ҳарфи бибиҷон гир ба гӯшат, ки писанд аст,
Ҷону дили модар!
Ҳар як суханаш лаълу дуру шаккару қанд аст,
Бишнав ҳама, духтар!
Аз умр басе таҷриба андӯхтаам ман,
Дар даҳр ба заҳмат.
Сад ҳилаву найранг биёмӯхтаам ман,
Дар ин ҳама муддат.
Сад сол агар нақл кунам макри занонро,
Поён напазирад.
Аз макр агар пур кунам атрофи ҷаҳонро,
Ҳар ҷой бигирад.
Дар панҷаи ман ҷодуву ҷин гашта гирифтор,
Зин макру фусун, оҳ!
Шайтон натавон кард чунин ҳилае такрор,
В-аллоҳ ва бил-лоҳ!
Хуштолеӣ алҳақ, онаҷон, файзи ҳузурам
Қисмат ба ту гаштаст.
Ҳарфам шунав, эй мояи уммеду сурурам,
Фурсат мадеҳ аз даст.
Аввал ту бидон: шавҳари бо меҳру вафо нест,
Гирам бувад оқил,
Як шавҳари бо меҳру вафо ҳеҷ куҷо нест,
Барфарз, ки ҷоҳил.

Зинҳор маҷӯ меҳру вафое ту зи шавҳар,
Хушат ба сарат ор!
Ғофил машав аз шавҳари бадтинату гавҳар,
Гирад севу ё чор.
Чил сол ба як мард итоат бикунӣ гар,
Манзур надорад.
Вақте ки шудӣ пир, бигирад зани дигар,
Фарқе нагузорад.
Бигзор ғами шавҳару дар фикри худат бош,
Ӯ мурд, ҷаҳаннам.
Сарриштаи тадбир мадеҳ дар кафи авбош,
Дил дор ту хуррам.
То хоб нарафтаст, ҳазар кун ту зи шавҳар,
Тарс аз ситами ӯ.
Чун хуфт, бибар даст ба киса, биситон зар,
Рангин бинамо рӯ.
Ҳар шаб сари фурсат ту каме пул ба даст ор,
Чун як зани таррор.
Он гуна ки шайтон нашавад огаҳ аз ин кор,
Шав як зани айёр.
Чун субҳ хӯрад чою равад кӯча, идора,
Осуда зи ғам шав!
Фориғ чу шудӣ, дарди худат соз ту чора,
Бонуи ҳарам шав!
Гӯ ойхолаат равғану гӯшти бара гирад,
Гулқанд, ки дорӣ.
Аз боқии он ширинихои сара гирад,
Ҳарчанд ки дорӣ.
Бифрист писарро, ки хабардор намояд,
Ойхолаи ҷӯрат.
То бо ду-се зан зуд ба назди ту биёяд,
Дар маҷлиси сурат [1].

[1] Сур — шодӣ.



Пурбор бикун дегу ба ҷӯш ор самовор,
Кун айш муҳайё.
Бинмой барои ҳама хушлуқмае тайёр,
Сарширу мураббо.
Гӯ шавҳараки зор,
Ҳар рӯз равад кор.
Ҳаргиз махӯраш ғам,
Гар мурд, ҷаҳаннам!
Ту бош зи ғам дур,
Хуррамдилу масрур,
Бархам мазан ин сур,
Эй духтари пуршӯр!

* * *

Хар чӣ хоҳӣ деҳ, мадеҳ лекин ту як дирхам закот,
Мон бимирад гурсна ҳар зореу аҳли деҳот.

Ғайри карзи худ, писарҷон, ҳар чи хоҳӣ деҳ тамом,
Ҳар чи хоҳӣ бишнав, аммо машнав аз мискин салом.

Ҳар чи бинмой намо, манмо ту аз май ичтиноб,
Ҳар чи мехоҳӣ бикун, лекин макун кори савоб.

Ҳар чи мехоҳӣ бикаш, аммо макаш хиҷлат зи қубх.
Ҳар куҷо хоҳӣ бихоб, аммо машав бедор субҳ.

Ҳар куҷо ой, биё, лекин маё мактаб фақат,
Мешавӣ мӯъмин, ба ҳар кас шав, на бар мазҳаб фақат.

Мекашӣ бекасру кам — каш, лек на мизони худ,
Ғуссаи халқат махӯр, хӯр дӯлмабойимчони худ.

Нангарӣ айтомро, мангар, нигар лӯъбат ба дахр,
Н-оядат имон на оянд, оядат лаънат ба дахр.

Нестӣ хайир[1] мабош, аммо ҳамеша шар расон,
Н-оядат гар рахм, н-оянд, кун ситам бар оҷизон.

---

[1] *Хайир* — хайркунанда.



* * *

Ман ба хаёлам, ки дамида саҳар,
Бонг задам мурғ барин як даҳан.
Санги ҷафое пару болам шикаст,
Ҳосили хондан шуда маълуми ман.

Бинам ҷуғзе чу дар авҷи ҳаво,
Қуд-қуде оҳиста кунам дар замин.
Бештар аз ин мазанам, сангдил,
Раҳм намо, нолаи зорам бубин!

Қаргаси бераҳм, натарсон маро,
Тарк намудам дигар он лонаро.
Гирьяву зорӣ накунед чӯчаҳо,
Дам назанам, дам назанам бештар.

Ахд кунам дам назанам ҳеч вақт,
Лек нагӯям, ки нафаҳмам дигар!